**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Нурулҳақ Камар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

Дар ҷаҳони муосир паҳн гардидани ҳаракатҳои сиёсӣ – динии исломии ифротӣ яке аз масъалаҳои нигаронкунандаи ҷомеаи мусулмонӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ва ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки дар паси онҳо манфиатҳои геосиёсии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ниҳонанд. Яке аз чунин ҳаракатҳои сиёсӣ-динии хатарбор ин ҷараёни салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ мебошад, ки дар айни замон худро ҳамчун исломи бемазҳаб, “исломи ноб” муаррифӣ карда, ҳамаи равияву фирқа ва мазҳабҳоро дар ҷаҳони ислом инкор намуда, хусусияти зиддибашарӣ ва зиддитамаддунӣ касб намудааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ ҳаракатҳои ифротӣ дар байни шаҳрвандон, ба вижа, ҷавонон, марҳила ба марҳила паҳн мегардад. Хатару таҳдидҳои он ба давлатҳои милливу дунявӣ бештар эҳсос мешавад. Ҳадафи аслии салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ таҳмили ақидаву таълими ғайриҳаётӣ бар дӯши мусулмонон ва ба роҳгумзанӣ бурдани онҳо буда, аз он гурӯҳҳо ва қудратҳои муайяни ҷаҳониву минтақавӣ барои дар бозмондагӣ нигоҳ доштани кишварҳои мусулмонӣ ва ҳифзи манфиатҳои геосиёсии худ истифода мекунанд, аз ҷумла бо мақсади дар тобеияти хеш нигоҳ доштани ин кишварҳо.

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати рушдкунанда аст ва паҳншавии ҷараёни ифротии мазкур ба раванди эҳёи Тоҷикистон метавонад монеа эҷод намояд. Бо мақсади ба ҳадафҳои хеш расидан ҷараёни мазкур на танҳо аз сатҳи баланди таассуби динӣ ва хурофотзадагии мардум истифода мебарад, ҳамчунин мекӯшанд ҷомеаро

ҳарчи бештар динзадаву хурофотпараст созанд. Аз он тайи солҳои охир тавассути шабакаю сомонаҳои иҷтимоӣ ва нашри адабиёти динӣ бештар паҳн шудани афкори ин ҷараён, ки хусусияти зидди арзишҳои миллӣ ва дунявӣ дорад, шаҳодат медиҳанд. Бинобар он, таҳқиқи масъалаи мазкур аз ҷониби Нурулҳақ Қ. ниҳоят бамаврид ва муҳим буда, диссертант тавонистааст, ки доир мавзуи мазкур таҳқиқоти комиле анҷом диҳад.

Асоси назариявии таҳқиқотро таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ, динӣ, таърихӣ ва ҳамчунин таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд.

Муаллиф хусусияти ифротӣ доштани салафияи такфирӣ-ҷиҳодиро ҳамаҷониба нишон дода, хатару таҳдидҳои онро барои ҷомеаи мусулмонӣ бо далелҳо исбот намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки нахустин бор ба таври васеъ истилоҳи “салафия” ва таҳаввули он дар таърихи ислом, робитаи салафия бо одатҳои тоисломии араб, мубориза салафия ба муқобили ақлгароию илму фалсафа, ҳимояи М. Ғаззолӣ аз салафия ва нақши таълимоти ӯ дар бозмондагии ҷаҳони ислом, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳамзамон диссертант нақши ҳанбалия ва пайравони ӯро дар пайдоишу ривоҷи ҳаракати салафияи ифротӣ, ки барои ҳифзи рӯҳи арабии ислом мубориза мекарданд, бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор дода, сабабҳои онро ба далелҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ҳамчунин таҳқиқи робитаи салафия бо одатҳои тоисломии араб ва бо ҳадафҳои араб барои бунёди давлат ва таъсиси хилофат алоқаманд будани он нишон медиҳад, ки исломи ибтидоӣ замони бо ном “салафи солеҳин” ҳамчун як падидаи сиёсӣ-иҷтимоӣ дар заминаи таҷрибаи динӣ-иҷтимоии тоисломии араб қомат афрохтааст.

Дар диссертатсия ба таҳлили масъалаи муборизаи салафия бо илму фалсафа, ҷараёнҳои ақлгароӣ ва суфия дар симои Имом Ҳанбал ва Ибни

Таймия таваҷҷуҳи хос дода шудааст. Дар ин қисмати автореферати диссертатсия сарчашмаҳои назариявии таълимоти салафия мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусияти иртиҷоӣ ва идеологӣ касб намудани он баён ёфтаанд.

Дар боби сеюм, ки “Ваҳҳобия ва ҷунбиши бунёдгароӣ дар ислом” ном дорад, давраи нави сиёсисозии ислом аз ҷониби ваҳҳобиён ва хоҷагони хориҷии онҳо – Ғарб, ба вижа Англия, ки ба давраи ба тобеияти Ғарб даромади ҷаҳони мусулмонӣ рост меояд, мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Муаллифи дессартатсия моҳияи идеяи ваҳҳобиёнро доир ба “исломи ноб” фош сохта, баъдан ба ташкилоти хадамоти махсуси давлатҳои Ғарб табдил ёфтани онро таъкид намуда, ҳамзамон дар робита ба зуҳури ваҳҳобия ривоҷ ёфтани ҳаракатҳои бунёдгароро дар ҷаҳони ислом ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар боби чорум таҳдиду хатарҳои салафия дар замони муосир баррасӣ шуда, робитаи он бо ҳаракатҳои ифротии муосири исломӣ, таъсири он дар ташаккули бунёдгароии исломӣ дар Тоҷикистон нишон дода шудааст. Маҳз дар ҳамин боб ҷанбаҳои амалии салафия ва татбиқи ақидаҳои он дар ҷомеаҳои пасошӯравии мусулмоннишин, бахусус Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳлили худро ёфтааст. Муҳаққиқ шалҳои асосии зуҳури салафияро нишон дода таъкид месозад, ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ маҳз салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ паҳн шудааст, зеро қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтиқавӣ маҳз ба паҳншавии ҳамин навъи салафия дар ин минтақа манфиатдоранд. Дар ин боб диссертант бо далелҳои муътамад хусусиятҳои зиддимиллӣ, зиддидунявӣ, зиддимазҳабӣ, бахусус зиддияти шадид доштани онро бо мазҳаби ҳанафӣ исбот намудааст.

Ҳамчунин бояд ёдрас кард, ки мундариҷаи маводҳои ба табърасида мазмуни авторефератро дуруст инъикос менамоянд.

Бо вуҷуди бурдбориҳои илмӣ аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар доираи як таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаи паҳлӯҳои мавзуи мазкурро баррасӣ кардан душвор аст ва ба диссертант тавсия дода мешавад, ки хуб мешуд агар ӯ таҳқиқро дар ин мавзуъ идома медод. Ҳамчунин дар афтореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад.

Хулоса, аз мазмуни автореферaи диссертатсияи Нурулҳақ Қамар дар мавзуи “Салафия: назария ва амалия” бармеояд, ки диссертатсия ба талаботҳои муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияи дараҷаи доктори илм ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа Содиқӣ Насиба

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ -42, тел.: (+992322) 221-24-66

Имзои Насиба Содиқӣ.-ро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Файзалӣ

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

18.09.2021